# Macex̧ 7



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




МАТТО 17:22-25, МАРҚУС 9:30-32; ЛУҚО 9:43-45






МАТТО 17:25-27




МАТТО 18:1; МАРҚУС 9:33; ЛУҚО 9:46; ЮҲАННО 7:1-9






МАТТО 9:2-35; МАТТО 18:15-17; МАРҚУС 9:33-50; ЛУҚО 9:47-50


БА СОМАРИЯ ОМАДА, Ӯ ПЕШОПЕШИ ХУД ОДАМОНРО ФИРИСТОД, ТО КИ ОНҲО БАРОИ Ӯ ҶОЙ ТАЙЁР КУНАНД.
ҲАНГОМЕ КИ ОНҲО БОЗГАШТАНД...
ИСО, ОНҲО БО ТУ САРУКОР ДОШТАН НАМЕХОҲАНД!
АЗБАСКИ ОНҲО ТУРО РАД КАРДАНД, БОЯД ОТАШЕ АЗ ОСМОН ХОНДА ОНҲОРО НОБУД КУНЕМ!
НОБУД КУНЕМ?
БАРОИ ЧӢ, ЯЪҚУБ?
НЕ! МО ҶАНГРО АЗ ПОЙҲОИ ХУД МЕАФШОНЕМ ВА БА ДЕҲАИ ДИГАР МЕРАВЕМ.
РАББӢ! КУҶО МЕРАВӢ?
БА ҲАР ҶОЕ КИ РАВӢ, МАН АЗ ПАСАТ МЕРАВАМ!
РӮБОҲОН ҒОРҲО ВА ПАРАНДАГОН ЛОНАҲО ДОРАНД, ЛЕКИН ПИСАРИ ОДАМ ҶОЕ НАДОРАД, КИ САР МОНАД.
АЗ ПАЙИ МАН БИЁ.
АЛБАТТА! АММО ИҶОЗАТ ДЕҲ, КИ РАФТА, АВВАЛ ПАДАРИ ХУДРО БА ХОК СУПОРАМ.
БИГЗОР МУРДАГОН МУРДАГОНИ ХУДРО БА ХОК СУПОРАНД; БО МАН БИЁ ВА ДАР БОРАИ ҲАЁТ ДАР ПОДШОҲИИ ХУДО БАШОРАТ ДЕҲ!
АВВАЛ БО АҲЛИ ХОНАДОНИ ХУД ХАЙРУХУШ МЕКУНАМ, СИПАС ТУРО ПАЙРАВӢ МЕНАМОЯМ!
ОЁ ҲАНГОМЕ КИ ДАСТАТРО БОЛОИ ОМОЧ МЕМОНӢ, БА АҚИБ НИГОҲ МЕКУНӢ?
НЕ, ТУ БА ПЕШ МЕНИГАРӢ! БАРОИ ХИЗМАТ ДАР ПОДШОҲИИ ХУДО ТУ БОЯД МАҲЗ ЧУНИН КУНӢ!
ҲАМИН ТАВР ИСО ВА ШОГИРДОНИ Ӯ РОҲРО БА ЯҲУДО ДАВОМ ДОДАНД.
ВА ПИНҲОНӢ БА УРШАЛИМ БА ИДИ ХАЙМАҲО ОМАДАНД.




ЮҲАННО 7:11-43



МО БАРОИ ҲАБС НАМУДАНИ ИН ИСО ПОСБОНОНРО ФИРИСТОДЕМ, АММО ОНҲО НИЗ ФИРЕФТАИ СУХАНОНИ Ӯ ШУДАНД.
МАРДУМ ТАҚСИМ ШУДАНД.
Ӯ ҲАР РӮЗ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД.
ЧӢ ТАВР ӮРО БОЗДОРЕМ?
ШАРИАТИ МО ИМКОН НАМЕДИҲАД, КИ КАСЕРО МАҲКУМ КУНЕМ, БЕ ОН КИ АВВАЛ ДОНЕМ, КИ Ӯ ЧӢ КОР КАРДААСТ.
НИҚӮДИМУС, ПАЙҒАМБАРОН АЗ ҶАЛИЛ НАМЕОЯНД!
МАН ЯК ФИКР ДОРАМ ...
САҲАРИИ РӮЗИ ДИГАР.
...ФИРИСТАНДАИ МАН ҲАҚИҚАТ АСТ!
ШУМО ӮРО НАМЕШИНОСЕД, АММО МАН МЕШИНОСАМ, ЧУНКИ Ӯ МАРО ФИРИСТОДААСТ!
УСТОД!
УСТОД! УСТОД, ИН ЗАН ДАР ҲОЛАТИ ЗИНО КАРДАН ДАСТГИР ШУД!
ШАРИАТИ МУСО БА МО МЕФАРМОЯД, КИ ЧУНИН ЗАНОНРО САНГСОР КУНЕМ!
АММО ТУ ЧӢ МЕГӮӢ?
ЧӢ КОР КУНЕМ, УСТОД?
БА МО БИГӮ!
«ФИРИСТАНДАИ ТУ» ЧӢ МЕГӮЯД?


ҲА. ӮРО САНГСОР КУНЕД.
АММО БИГУЗОР КАСЕ КИ БЕГУНОҲ АСТ, БА ВАЙ САНГИ ЯКУМРО ПАРТОЯД.
ҲАМА КУҶО ШУДАНД?
ОЁ КАСЕ ТУРО МАҲКУМ НАКАРД?
НЕ, ХОҶААМ
МАН НИЗ ТУРО МАҲКУМ НАМЕКУНАМ.
БИРАВ ВА ДИГАР ГУНОҲ НАКУН.
ИН ЗИНДАГИИ ПУРГУНОҲРО ТАРК КУН!
ҲА, ХОҶААМ! ТАРК МЕКУНАМ!




ЮҲАННО 8:12-58


ӮРО САНГСОР КУНЕД! ИН БИДЪАТ АСТ!
АГАР ТУ ЯҲУДИИ ХУДОТАРС БОШӢ...
АММО...
...САНГРО ГИР ВА СӮИ Ӯ ПАРТО!



ЮҲАННО 8:59



ХОҲИШ МЕКУНАМ... БА КӮРИ МОДАРЗОД ЁРӢ ДИҲЕД!
УСТОД, КӢ ГУНОҲ КАРД – ИН КӮР Ё ПАДАРУ МОДАРАШ?
ШОЯД, КӮР ЗОДА ШУДАНИ Ӯ ҶАЗОЕСТ БАРОИ ПАДАРУ МОДАРАШ!
НЕ.
НА ИН, НА ОН.
ИН АЗ ОН САБАБ РӮЙ ДОД, КИ ДАР ВАЙ КОРҲОИ ХУДО ОШКОР ГАРДАНД!
ТО ВАҚТЕ КИ РӮЗ АСТ, МО БОЯД КОРҲОИ ФИРИСТАНДАИ ХУДРО БА ҶО ОВАРЕМ.
ШАБ КИ ОЯД, ҲЕҶ КАС КОР КАРДАН НАМЕТАВОНАД.
ТО ВАҚТЕ КИ МАН ДАР ҶАҲОН ҲАСТАМ, НУРИ ҶАҲОНАМ.
ТУФ.
ИН КИСТ?
БИРАВ, ДАР ҲАВЗИ ШИЛӮАҲ ШУСТУШӮЙ КУН.
МАН... МАН...
Ӯ БО ҚУДРАТ ГАП МЕЗАД. Ӯ КИСТ?
МАН ШУНИДАМ, КИ Ӯ ИСО НОМ ДОРАД.
ДЕРТАР, ҲАНГОМЕ КИ КӮР МУВОФИҚИ СУХАНОНИ ИСО АМАЛ НАМУД...


ЮҲАННО 9:1-7






ЮҲАННО 9:8-10:13


МАН ЧӮПОНИ НЕКАМ, ВА ГӮСФАНДОНИ ХУДРО МЕШИНОСАМ.
ВА ГӮСФАНДОНАМ МАРО МЕШИНОСАНД!
ВА МАН ҶОНАМРО БАРОИ ГӮСФАНДОНАМ ФИДО МЕКУНАМ!
ҲЕҶ КАС ОНРО АЗ МАН НАМЕГИРАД. ХУДИ МАН ОНРО ФИДО МЕКУНАМ.
Ӯ АЗ АҚЛ БЕГОНА АСТ!
Ӯ ДЕВЗАДА АСТ! ЧАРО БА СУХАНОНАШ ГӮШ МЕДИҲЕД?
ОЁ ДЕВ ЧАШМИ КӮРОНРО ВОЗ КАРДА МЕТАВОНАД?
МАН ҚУДРАТ ДОРАМ ОНРО ФИДО НАМОЯМ.
ВА ҚУДРАТ ДОРАМ ОНРО БОЗ ЁБАМ.
ИН АЗ ПАДАРИ МАН БАРМЕОЯД.
ИН ВАҚТ ИСО БА ҲАФТОДУ ДУ ШОГИРД МУРОҶИАТ НАМУДА, БА ОНҲО СУПОРИШ ДОД:
БИРАВЕД!
МАН ШУМОРО МОНАНДИ БАРРАГОН БА МИЁНИ ГУРГОН МЕФИРИСТАМ!
АГАР ДАР ШАҲРЕ КИ МЕОЕД, ШУМОРО ҚАБУЛ КУНАНД, АЗ ОН ЧИ ПЕШИ ШУМО МЕМОНАНД, ХӮРЕД.
ВА БЕМОРОНИ ОН ҶО ШИФО ДИҲЕД, ВА БА ОНҲО ГӮЕД, КИ ПОДШОҲИИ ХУДО НАЗДИК ШУДААСТ.
АГАР ШУМОРО ҚАБУЛ НАКУНАНД, ЧАНГИ ПОЙАФЗОЛАТОНРО АФШОНДА, АЗ ОН ҶО РАВЕД...


ҲАР КӢ ШУМОРО ШУНАВАД, МАРО МЕШУНАВАД!
ВА ҲАР КӢ ШУМОРО РАД КУНАД, МАРО РАД МЕКУНАД!
ВА ҲАР КӢ МАРО РАД КУНАД, ФИРИСТАНДАИ МАРО РАД МЕКУНАД!
ҲАНГОМЕ КИ ОНҲО БАРГАШТАНД...
ИН ҲАЙРАТОВАР БУД, ИСО!
ҲАТТО ДЕВҲО БА НОМИ ТУ БА МО ФАРМОНБАРДОР МЕБОШАНД!
ДӮСТОНАМ, МАН ШАЙТОНРО ЧУН БАРҚ АЗ ОСМОН АФТОДА ДИДАМ.
МАН БА ШУМО ҚУДРАТ МЕДИҲАМ, КИ ДУШМАНОНРО МАҒЛУБ НАМОЕД!
АММО АЗ ОН ШОД БОШЕД, КИ НОМҲОИ ШУМО ДАР ОСМОН НАВИШТА ШУДААНД!
ПАДАР, ТУРО СИТОИШ МЕКУНАМ, КИ ИНРО АЗ ҲАКИМОН ВА ДОНОЁН ПИНҲОН ДОШТӢ...
... ВА БА КӮДАКОН ОШКОР КАРДӢ!
ФАҚАТ ПАДАР ҲАҚИҚАТАН ПИСАРРО МЕШИНОСАД.
ВА ФАҚАТ ПИСАР ПАДАРРО МЕШИНОСАД...
... КАСОНЕ КИ ПИСАР ОНҲОРО ИНТИХОБ КАРДААСТ, ТО ӮРО БА ОНҲО ЗОҲИР НАМОЯД.
ДЕРТАР, ҲАНГОМИ ГУФТУГӮ БО ДУВОЗДАҲ ШОГИРД, ИСО ГУФТ:
ХУШО ЧАШМОНИ ШУМО!
ЧУНКИ ПАЙҒАМБАРОН ВА ПОДШОҲОН МЕХОСТАНД ОН ЧИРО, КИ ШУМО МЕБИНЕД ВА МЕШУНАВЕД, БИНАНД ВА ШУНАВАНД.
АММО ОНҲО НАДИДАНД!

ЛУҚО 10:12-24



РӮЗЕ ЯКЕ АЗ ШАРИАТДОНОН ИСОРО САНҶИДАНӢ ШУД.
ЭЙ УСТОД, МАН САВОЛ ДОРАМ!
МАН ЧӢ БОЯД КУНАМ, ТО КИ ҲАЁТИ АБАДӢ БА ДАСТ ОВАРАМ?
ШАРИАТИ МУСО ЧӢ МЕГӮЯД?
«ХУДОВАНД ХУДОИ ХУДРО БО ТАМОМИ ДИЛ ВА БО ТАМОМИ ҶОН ВА БО ТАМОМИ ҲУШИ ХУД ДӮСТ ДОР».
ВА «ЁРАТРО МОНАНДИ ХУДАТ ДӮСТ ДОР».
ҲА.
ҲА! ЧУНИН БИКУН ВА НАҶОТ ХОҲӢ ЁФТ!
АММО ЁРИ МАН КИСТ?
ҲИКОЯТЕРО ГӮШ КУН.
БА ЯК МУСОФИР ҲУҶУМ КАРДА, ҒОРАТ НАМУДАНД...
...ВА ӮРО НИММУРДА МОНДА РАФТАНД.
КОҲИНЕ КИ АЗ ОН РОҲ РАВОНА БУД, АЗ ПЕШАШ ГУЗАШТА РАФТ.
ЛЕВИЗОДА НИЗ ЧУНИН КАРД.
АММО ЯК СОМАРӢ ӮРО ДИДА, ДИЛАШ СӮХТ.
Ӯ БА ВАЙ ЁРӢ ДОДА, БА КОРВОНСАРОЙ ОВАРД ВА МУЗДИ НИГОҲУБИНИ ӮРО ДОД.
ПАС, КӢ ЁРӢ Ӯ БУД?
КАСЕ КИ БА Ӯ МАРҲАМАТ КАРД.
ДУРУСТ.
БИРАВ, ВА ТУ НИЗ ЧУНИН КУН.
ЛУҚО 10:25-37


ДАР АТРОФИ БАЙТ-АНЁ, ҚАРИБИИ УРШАЛИМ.
ИСО! САЛОМ!
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ИСО, ДАР ХОНАИ МАН БО ШОГИРДОНАТ ИСТИРОҲАТ НАМО ВА ХӮРОК ХӮР!
МАН, БАРОДАРАМ ЛАЪЗОР ВА ХОҲАРАМ МАРЯМ ИНРО ШАРАФ МЕҲИСОБЕМ!
БО МАЙЛИ ТОМ!
САЛОМ, ИСО!
ХУШ ОМАДӢ! МИННАТДОРЕМ, КИ ДАЪВАТИ МАРТОРО ҚАБУЛ НАМУДӢ!
ОЁ ХИЗМАТЕ ҲАСТ, ТО БАРОЯТОН БИКУНАМ, ПЕШ АЗ ОН КИ ДАСТУРХОН ПАҲН НАМОЯМ?
НЕ, МАРЯМ, ТАШАККУР.
МАРЯМ, БА МАН ЁРИИ ТУ ДАРКОР АСТ.
ҲОЗИР. ЯК ДАҚИҚА.



ЛУҚО 10:38-39


ПАС АЗ «ДАҚИҚАЕ»...
МАРЯМ КУҶОСТ?
ИН ҶО ИН ҚАДАР КОР АСТ!
ИН НОДУРУСТ АСТ!
... НА ТАНҲО АМАЛҲОИ ТУ, БАЛКИ ҲАМЧУНИН ДИЛИ ТУ...
ХОҶААМ!
БА МАРЯМ ГӮЙ, КИ БА МАН ЁРӢ РАСОНАД!
ОЁ ТУРО ПАРВОЕ НЕСТ, КИ ХОҲАРАМ МАРО ДАР ХИЗМАТ ТАНҲО ГУЗОШТААСТ?
МАРТО! ТУ ОИД БА ЧИЗҲОИ БИСЁР ҒАМХОРӢ ВА ДАВУТОЗ МЕКУНӢ.
АММО ТАНҲО ЯК ЧИЗ САЗОВОРИ ҒАМХОРӢ АСТ.
МАРЯМ ИНРО МЕДОНАД, ВА ИН АЗ Ӯ ГИРИФТА НАМЕШАВАД.



РӮЗИ ДИГАР, ПАС АЗ ОН КИ ИСО ДАР ҶОЕ ДУО ГУФТ.
ХУДОВАНДО, ДУО ГУФТАНРО БА МО ЁД МЕДИҲӢ?
ЯҲЁИ ТАЪМИДДИҲАНДА ШОГИРДОНАШРО ЧӢ ГУНА ТАЪЛИМ МЕДОД?
ҲА.
ҲАНГОМЕ КИ ДУО МЕКУНЕД, ЧУНИН ГӮЕД:
ЭЙ ПАДАРИ МО.
НОМИ ТУ МУҚАДДАС БОД.
ПОДШОҲИИ ТУ БИЁЯД.
ҒИЗОЕРО, КИ БА ОН ЭҲТИЁҶ ДОРЕМ, БА МО ДЕҲ.
ВА ГУНОҲҲОИ МОРО БУБАХШ...
... ЧУНОН КИ МО НИЗ ҲАР КАСЕРО, КИ БА МО ГУНОҲ КАРДААСТ, МЕБАХШЕМ.
ВА МОРО БА ОЗМОИШ ДУЧОР НАКУН.
ХОҲИШ КУНЕД, БА ШУМО ДОДА МЕШАВАД; ҶӮЕД, МЕЁБЕД; ДАРРО КӮБЕД, ОН БА ШУМО КУШОДА МЕШАВАД.
ЧУНКИ АГАР ПИСАР МОҲИЕ ХОҲИШ КУНАД, МАГАР ПАДАР БА Ӯ МОРЕ МЕДИҲАД?
Ё АГАР ТУХМЕ ХОҲИШ КУНАД, МАГАР БА ВАЙ КАЖДУМЕ МЕДИҲАД?
АГАР ШУМО, КИ БАД ҲАСТЕД, ДОДАНИ ТӮҲФАҲОИ НЕКРО МЕДОНИСТА БОШЕД...
...ПАС ПАДАРИ ОСМОНӢ ТО ЧӢ АНДОЗА БЕШТАР БА ОНҲОЕ КИ АЗ Ӯ ХОҲИШ МЕКУНАНД, РӮҲУЛҚУДСРО МЕДИҲАД!




ЛУҚО 11:1-13


ДЕРТАР...
ИСО! МАН МЕДОНАМ, КИ ТУ БИСЁР КАСОНРО ШИФО ДОДАЙ!
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ДӮСТИ МАРО ШИФО ДЕҲ!
Ӯ ГАП ЗАДА НАМЕТАВОНАД!
Ӯ ДЕВЗАДА АСТ!
БИНОБАР ИН ГУНГ АСТ!
ТО МУДДАТИ КАМЕ...
БА ДЕВЕ КИ ИН ШАХСРО ФАРО ГИРИФТААСТ, МЕФАРМОЯМ...
...АЗ Ӯ БЕРУН ШАВ!
Т... ТА...ЛУҚО
ТАШАККУР...


ТАНҲО БА ВОСИТАИ БААЛ-ЗАБУЛ, РОҲБАРИ ДЕВҲО ...
...Ӯ ДЕВҲОРО БЕРУН МЕКУНАД!
ҲАР ПОДШОҲИЕ КИ ДАР ХУД ҶУДОӢ ДОРАД, РӮ БА ХАРОБӢ МЕОВАРАД!
АГАР ШАЙТОН ДАР ХУД ҶУДОӢ ДОШТА БОШАД, ПОДШОҲИИ ВАЙ ЧӢ ГУНА УСТУВОР ИСТОДА МЕТАВОНАД?
АГАР МАН ДЕВҲОРО БА НОМИ ШАЙТОН БЕРУН МЕКАРДА БОШАМ...
... ОДАМОНИ ШУМО ОНҲОРО БА ВОСИТАИ КӢ БЕРУН МЕКУНАНД?
БИДОНЕД: АГАР МАН ДЕВҲОРО БО АНГУШТИ ХУДО БЕРУН МЕКАРДА БОШАМ...
... ПАС ПОДШОҲИИ ХУДО БА ШУМО ОМАДА РАСИДААСТ!
БАРАКАТ ЁБАД ЗАНЕ КИ ТУРО ЗОИДААСТ ВА ШИР ДОДААСТ!
ОЁ МЕДОНЕД, КИ КӢ БАРАКАТИ БЕШТАР МЕЁБАД?
КАСЕ КИ КАЛОМИ ХУДОРО МЕШУНАВАД ВА ИҶРО МЕКУНАД!
КАДОМЕ АЗ ШУМО ЧАРОҒРО ДАРГИРОНДА, ЗЕРИ ЗАРФЕ МЕГУЗОРАД?
ҲЕҶ КАС! ШУМО ОНРО ДАР ОН ҶОЕ МЕГУЗОРЕД, КИ РӮШНОИРО ДИДА МЕТАВОНЕД!
БИНОБАР ИН БОВАРӢ ҲОСИЛ НАМОЕД, КИ НА ПУР АЗ ТОРИКӢ, БАЛКИ ПУР АЗ РӮШНОӢ ҲАСТЕД!
АГАР ШУМО ПУР АЗ РӮШНОӢ БОШЕД, БА ДИГАРОН РӮШНОӢ ДОДА МЕТАВОНЕД!


ЛУҚО 11:15-35


ҲАНГОМЕ КИ Ӯ СУХАНРОНИРО БАС КАРД...
УСТОД, ОЁ ИМРӮЗ БА ХОНАИ МАН БА ХӮРОКИ ШОМ МЕОӢ?
ТАШАККУР, КИ ТУ ОМАДӢ.
МАН САВОЛҲОИ БИСЁР ДОРАМ.
ВА МЕДОНАМ, КИ ТУ ҶАВОБҲОИ БИСЁР ДОРӢ!
ТУ... ТУ ДАСТОНАТРО НАШУСТӢ.
ЧАРО ТУ ДАСТОНАТРО НАМЕШӮӢ?
ШУМО, ЭЙ ФАРИСИЁН...
БЕРУНИ ЗАРФРО ТОЗА МЕКУНЕД.
АММО ДАРУНИ ШУМО АЗ БАХИЛӢ ВА КИНА ПУР АСТ!
ЭЙ БЕХИРАДОН! МАГАР ХУДОВАНД ДАРУН ВА БЕРУНИ ШУМОРО НАОФАРИДААСТ?



АММО АГАР ШУМО БА БЕНАВОЁН ДОДАНИ ОН ЧИРО, КИ ДАР ДАРУН ДОРЕД, ЁД ГИРЕД...
...ПОК ХОҲЕД БУД!
ВОЙ БАР ШУМО.
ВОЙ БАР ШУМО, ЧУНКИ АЗ ПУДИНА, ИСПАНД ВА ҲАР ГУНА САБЗАВОТ ДАҲЯК МЕДИҲЕД!
ШУМО ДАҲЯК МЕДИҲЕД, ВАЛЕ МУҲАББАТ ВА АДОЛАТИ ХУДОРО ФАРОМӮШ МЕКУНЕД.
ШУМО ДАР КУНИШТҲО ҶОЙҲОИ БЕҲТАРИНРО МЕҶӮЕД!
ШУМО МОНАНДИ ГӮРҲОИ НОНАМОЁН ҲАСТЕД, КИ ОДАМОН ДАР БОЛОИ ОНҲО РОҲ МЕРАВАНД ВА ИНРО НАМЕДОНАНД!
ОЁ МЕФАҲМӢ, КИ БО ИН СУХАНОНАТ МОРО МЕРАНҶОНӢ?
ВОЙ БАР ШУМО НИЗ, ЭЙ ШАРИАТДОНОН, КИ БАР ДӮШИ ОДАМОН БОРИ ВАЗНИНИ ҚОИДАҲО ВА ҚОНУНҲО МЕГУЗОРЕД,...
...АММО БАРОИ БАРДОШТАНИ ОН БОР БА ОНҲО ЁРӢ НАМЕРАСОНЕД!
ВОЙ БАР ШУМО, ЧУНКИ КАЛИДИ ДОНИШРО ГИРИФТАЕД.
ХУДАТОН АЗ ИН ДАР НАДАРОМАДЕД.
ВА БА ОНҲОЕ КИ ДАРОМАДАН МЕХОҲАНД, МОНЕЪ МЕШАВЕД.
ЧӢ ТАВР ҶУРЪАТ КАРДӢ?
ВА ЧӢ ҲАҚ ДОРӢ ЧУНИН ГӮЙ?
ОН ҶО ЧӢ РӮЙ ДОДААСТ?
ЭҲТИЁТ БОШЕД!
РОҲ НАДИҲЕД, КИ ДУРӮЯГИИ ФАРИСИЁН ШУМОРО НИЗ ФАРО ГИРАД!


ҲЕҶ ЧИЗИ МАХФИЕ НЕСТ, КИ ОШКОР НАШАВАД!
ОН ЧИ ДАР ТОРИКӢ ГУФТА ШУДААСТ, ДАР РӮШНОИИ РӮЗ ШУНИДА МЕШАВАД!
АЗ ОНҲОЕ КИ ТАНҲО ҶИСМРО МЕКУШАНД, НАТАРСЕД!
АЗ Ӯ ҲАРОСОН БОШЕД, КИ ПАС АЗ КУШТАНИ ҶИСМ ҚУДРАТ ДОРАД БА ДӮЗАХ АНДОЗАД!
АММО ПАРВАРДИГОР ҲАТТО ДАР ҲАҚҚИ ПАРАНДАГОНИ ХУРДТАРИН ҒАМХОРӢ МЕКУНАД!
ДАР ҲАҚҚИ ШУМО ЧӢ? Ӯ ҲАТТО МИҚДОРИ МӮЙИ САРИ ШУМОРО МЕДОНАД!
ПАС, НАТАРСЕД: ШУМО АЗ БИСЁР ГУНҶИШКОН АРЗАНДАТАР ҲАСТЕД!
ҲАР КӢ МАРО ДАР ЗАМИН ЭЪТИРОФ КУНАД, МАН ӮРО ДАР ОСМОНҲО ЭЪТИРОФ МЕКУНАМ!
ҲАР КӢ МАРО НАЗДИ ОДАМОН ИНКОР КУНАД, Ӯ НАЗДИ ФАРИШТАҲО ИНКОР КАРДА МЕШАВАД!
ВА ҲАТТО АГАР КАСЕ БАР ЗИДДИ МАН СУХАНЕ ГӮЯД, БАХШИДА МЕШАВАД.
ЛЕКИН ҲАР КӢ БАР ЗИДДИ РӮҲУЛҚУДС КУФР ГӮЯД, БАХШИДА НАМЕШАВАД.
ҲАР ГОҲ ШУМОРО БА КУНИШТҲО ВА НАЗДИ САРДОРОН ВА ҲОКИМОН БАРАНД...
... АНДЕША НАКУНЕД, КИ ЧӢ ҶАВОБЕ БОЯД ДИҲЕД!
ДАР ОН СОАТ РӮҲУЛҚУДС ШУМОРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД, КИ ЧӢ БОЯД ГУФТ!


ЭЙ УСТОД! БА БАРОДАРАМ ГӮЙ, КИ МЕРОСРО БО МАН ТАҚСИМ КУНАД, ЗЕРО ИН АЗ РӮИ АДОЛАТ АСТ!
МАРО БАР ШУМО ДОВАР ТАЪЙИН НАКАРДААНД!
БА ҶОИ ИН БА ТУ МЕГӮЯМ, КИ АЗ ҲАРИСӢ ҲАЗАР НАМО!
ҲАЁТИ ТУ ХЕЛЕ МУҲИМТАР АЗ ДОРОЙ АСТ!
БАРОИ ҲАЁТИ ХУД ҒАМХОРӢ НАКУНЕД...
ҒАМХОРӢ НАКУНЕД, КИ ЧӢ ХӮРЕД ВА НӮШЕД, Ё ЧӢ ПӮШЕД!
ҲАЁТ АЗ ҲАМАИ ИН МУҲИМТАР АСТ!
БА САВСАНҲО НИГАРЕД! ОНҲО НА МЕҲНАТ МЕКУНАНД ВА НА МЕРЕСАНД...
...АММО ОЁ СУЛАЙМОН БО ТАМОМИ ШУКӮҲИ ХУД ЧУН ЯКЕ АЗ ОНҲО ЛИБОС ПӮШИДААСТ?
БЕШТАР ДАР ПАЙИ ПОДШОҲИИ ХУДО БОШЕД, ВА ҲАМАИ ИН ЧИЗҲО НИЗ БА ШУМО ДОДА МЕШАВАНД!
ҲАР ҶО ГАНҶИ ШУМОСТ, ДИЛИ ШУМО НИЗ ДАР ОН ҶОСТ.
ҲАНГОМЕ КИ АБРИ АЗ ҒАРБ ПАЙДОШУДАРО МЕБИНЕД, МЕДОНЕД, КИ БОРОН МЕБОРАД.
ВА ҲАНГОМЕ КИ БОДИ ҶАНУБӢ МЕВАЗАД, МЕДОНЕД, КИ ГАРМО МЕОЯД.
ШУМО СИМОИ ЗАМИНУ ОСМОНРО ШИНОХТА МЕТАВОНЕД, АММО АЛОМАТҲОИ ИН ЗАМОНРО НАМЕШИНОСЕД!
ҲА! ЗАМОНИ ДАҲШАТОВАР!
ПИЛОТУС БАЪЗЕ ҶИНОЯТКОРОНИ ҶАЛИЛИРО ҚАТЛ КАРДА, ХУНИ ОНҲОРО БО ҚУРБОНИҲОИ ОНҲО ОМЕХТ!
ШОЯД ИН ҶАЛИЛИЁН ГУНОҲКОРОНИ АШАДДӢ БУДАНД, КИ ЧУНИН ТАҚДИР НАСИБАШОН ГАШТ?
АММО ЧУНИН НЕСТ!
ГУНОҲ ГУНОҲ АСТ! АГАР ТАВБА НАКУНЕД, ҲАМААТОН НОБУД МЕШАВЕД!

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."













**SUPERBIBLE.TV**